**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди**
**Донишгоҳи давлатии Данғара барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ**

Парвандаи аттестатсионии №__
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18.04.2026, №15

Дар бораи сазовор донистани Шоҳзода Гулнора Амриддин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ

Диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара (суроға: Вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ-25; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, тахти №2, № 34/шд) 7-уми феврали соли 2026, суратмаҷлиси №14 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шоҳзода Гулнора Амриддин 14-уми марти соли 1976 дар шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳозира Бохтар)-и вилояти Хатлон дар оилаи коргар таваллуд шудааст.

Соли 1993 дар Муассисаи таълимии умумии миёнаи №6-и шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳозира Бохтар) таҳсил намуда, соли 2000-ум факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳозира Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав) -ро бо гирифтани ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Солҳои 2019-2022 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикии муассисаи мазкур, ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст. Аз солҳои 2005 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» фаъолият дорад. Диссертатсия дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** Сулаймон Анварӣ – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Қосимов Олимҷон Ҳабибович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва **Тураев Бурҳон Бузургович** – номзади илмҳои филологӣ, ходими

пешбари илмии шуъбаи таърихи забон ва забоншиносии қиёсии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов Абдулмаҷид Нурович, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи мазкур Қурбонзода Рудоба Исмоил, котиби илмии ҷаласа – муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгохи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Сайдалиева Сарварбӣ Сайдакбаровна ва бо имзою муҳри ректори Донишгохи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Мунир Ватан пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин кори баанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмиву таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртиботи қавӣ дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

[1-М]. Шоева, Г. Истифодаи воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақол дар ашъори Шамсиддин Шоҳин [Матн] / Г. Шоева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав [маҷаллаи

илмӣ]. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2119. – №1/4 [68]. – С. 90-94.

[2-М]. Шоева, Г. Ҷойгоҳи мафҳуми сухан ва вожаҳои баёнгари он дар ашъори Шоҳин [Матн] / Г. Шоева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав [маҷаллаи илмӣ]. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. – №1/2 [98]. – С. 61-64.

[3-М]. Шоева, Г. Ҷойгоҳи луғати осори Шоҳин дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [Матн] / Г. Шоева // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2022. – №1 [266]. – С. 289-293.

[4-М]. Шоева, Г. Ҳунари Шамсиддин Шоҳин дар корбурди муродифҳо [Матн] / Г. Шоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – № 9. – С. 111- 119.

[5-М]. Анварӣ С., Шоева Г. Вожаҳои иқтибосии баёнгари мафҳуми сухан [Матн] / С. Анварӣ, Г. Шоева // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2023. – № 3 [104]. – С. 93- 99.

[6-М]. Анварӣ С., Шоҳзода Г. Ҳавзаҳои забонӣ ва таҳаввулоти луғавию маъноии вожаҳо / Матн / С. Анварӣ, Г. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2025. – С. 22- 27.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[7-М]. Шоева, Г. Вожаҳои бисёрмаъно дар ашъори Шамсиддин Шоҳин [Матн] / Г. Шоева // Забон – ҳастии миллат (маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами луғатшиносии тоҷик: мушкилот ва дурнамо». Бахшида ба 80-солагии номзади илми филология, дотсент Ҳуснигул Талбакова). – Душанбе, 2023. – 22 декабр. – С. 123-130.

[8-М]. Шоева, Г. Истифодаи унсурҳои забонии тасвир дар шеъри Шамсиддин Шоҳин [Матн] / Г. Шоева // Конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои услубшиносӣ ва ҳусни баён: мушкилот ва дурнамо» бахшида ба 100-солагии номзади илми филология, дотсент Худойдод Ҳусейнов. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – 29 октябр.

[9-М]. Шоҳзода, Г. Нақши воситаҳои тасвир дар таркибсозии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин [Матн] / Г. Шоҳзода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Саҳм ва нақши Муҳаммад Закариёи Розӣ дар таърихи тамаддуни башарӣ», бахшида ба 1160 - солагии донишманди бузург. – Бохтар, 2025. – С. 337-343.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Шафоатов Азал Нусратович мусбат буда, муқарриз ба автореферат 4 эрод гирифтааст:

1) Мутаассифона, дар автореферати диссертатсия овардани нақша, диаграмма ва гистаграммаҳо ба мушоҳида намерасад.

2) Дар автореферати диссертатсия пайдарҳамии зерфаслҳо риоя нагардидааст (нигаред ба боби якум ва сеюм).

3) Хуб мебуд, агар дар диссертатсия боби алоҳида доир ба ҷойгоҳи калимаҳои омиёна вобаста ба осори шоир ҷудо мегардид.

4) Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобат дида мешаванд: с.26, с.29, с.30, с.31, с.32.

2. **Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" Низомӣ Санавбар Фахрӣ мусбат буда, муқарриз ба автореферат 2 эрод гирифтааст:

1) Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар расиданд: саҳ. 1, 17, 21...

2) Агар дар асоси усули басомад миқдори калимаҳои аслӣ ва иқтибосӣ дар диаграмма нишон дода мешуд, натиҷаи таҳқиқ равшантар баён мегардид.

3. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович мусбат буда, муқарриз ба автореферат 1 эрод гирифтааст:

1) Бо вуҷуди чунин афзалиятҳо, ҳангоми мутолиаи диссертатсия ва автореферати он баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудиҳои имлоӣ-техникӣ, мисли бе "ӯ" навиштани номи шаҳри Кӯлоб (с. 2), пас аз нуқта бефосила омадани калима ва ё рақами мобаъд (с. 3 ва ғ.) ба чашм хӯрданд, ки ба назари мо, ислоҳи онҳо ҳангоми чун монография ба чоп ҳозир кардани кор боиси беҳтар шудани сифати он хоҳад шуд.

4. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Қаҳҳоров Масъуд Маҳмудович мусбат буда, муқарриз ба автореферат 3 эрод гирифтааст:

1) Ҳар як боби кор аз матолиби муқаддамотӣ шуруъ карда мешуд, хело хуб буд.

2) Дар баъзе мавридҳо ном ва насаби шоир ба таври кӯтоҳ Шоҳин дода шудааст, ки он бояд ба таври пурра – Шамсиддин Шоҳин зикр карда шавад.

3) Агар таҳқиқи вижагиҳои маъноии ашъор, гурӯҳи луғавии ашъор, саҳми шоир дар ғанӣ гардидани захираи луғавии забони тоҷикӣ дар асоси

схема, нақшаҳо ва ҷадвалҳо пешниҳод гардида, таҳлил карда мешуд, ба манфиати кор буданд.

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, ҳамчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки унвонҷӯ Шоҳзода Гулнора Амриддин дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– дар такя ба назарияҳо, методҳо ва равишҳои илмии самти забоншиносӣ таҳқиқи диссертатсиониро дар иртибот ба вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин ба анҷом расонидааст.

– таҳқиқи ашъори Шамсиддин Шоҳинро ҳадафи аслии кори диссертатсионии худ қарор дода, бар мабнои он иддае аз масоили муҳим, амсоли: ҷойгоҳи вожаҳои қадимаи тоҷикӣ дар ашъори шоир, мақоми калимаҳои омиёна дар ашъори шоир ва, ҳамчунин, нақшу ҷойгоҳи воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақол дар эҷодиёти шоирро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

– гурӯҳҳои луғавии ашъори Шамсиддин Шоҳинро дар асоси се навъи он: муродифот, сермаъноҳо ва зидмаъноҳо таҳқиқ карда, вижагиҳои сохторӣ ва қонуниятҳои морфологии ҳар кадомро дар зерфаслҳои алоҳида мавриди баррасӣ қарор додааст.

– саҳми Шамсиддин Шоҳинро дар ғанӣ гардидани захираи луғавии забони тоҷикӣ бо мисолҳо собит сохта, дар иртибот бо ин дар кадоме аз шеваҳои форсии имрӯз: форсии Эрон, дарӣ ва тоҷикӣ ба чӣ тариқ корбурд шудани унсурҳои луғавиро нишон додааст. Ҳамчунин, муаллиф роҷеъ ба мавқеи вожаҳои арабии дар ашъори Шамсиддин Шоҳин корбурдшуда ва дар забони форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ маънои муштарак доштани вожаҳои мазкурро баррасӣ кардааст.

– муаллиф, ҳамчунин, ба масоиле, амсоли: нақши истилоҳоти хосси забоншиносӣ ва мусиқӣ дар ашъори Шамсиддин Шоҳин, ҷойгоҳи воситаҳои тасвир дар таркибсозии забони ашъори ӯ ва бозтоби ганҷинаи вожагони забони ашъори шоир дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дахл карда, ба ҳалли масоили дарпешгузошташуда муваффақ гардидааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро аҳли таҳқиқ метавонанд дар пажӯҳиши вазъи забони тоҷикӣ дар охири асри XIX ва аввали садаи XX, аз ҷумла дар иртибот бо мӯзиши таркиби луғавии забони давраи мазкур дар таҳқиқоти гуногунсатҳи хеш мавриди истифода қарор диҳанд. Ҳамчунин, маводди гирдовардаи муаллифи

диссертатсияро метавон дар омоданамоии фарҳангномаҳои гуногун, бахусус фарҳанги осори худи Шамсиддин Шоҳин, ба таври васеъ истифода кард. Хулосаҳову натоиҷи илмии муаллиф дар таҳияи барномаҳои луғатшиносии забони тоҷикӣ, дастурҳову васоити омӯзишӣ бесуд нестанд. Аз ин мавод, ҳамчунин, метавон зимни гузаронидани дарсу семинарҳо ва курсҳои махсуси факултетҳои филологии донишгоҳҳо истифода кард.

**Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта** барои донишомӯзони соҳаи филологияи тоҷик ҳангоми навиштани корҳои курсию рисолаҳои хатм ҳамчун маводи лозимӣ хизмат намуда, аз он, ҳамчунин, зимни таълими курсу семинарҳои тахассусӣ ба ҳайси маводи дарсҳои лексионӣ ва машғулиятҳои амалӣ метавон истифода бурд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Вижагиҳои таркиби луғавию маънои забони ашъори Шамсиддин Шоҳин дар забоншиносии тоҷик, хусусан дар бахши луғатшиносии он, бори нахуст таҳқиқ мешавад. Муаллиф дар боби таносуби истеъмоли бархе аз вожаҳои куҳан (тоҷикӣ-форсӣ) ва муқтабас (аз арабӣ) дар забони тоҷикӣ ва форсӣ-дарӣ (ба асоси забони назми Шоҳин) бар мабнои мисолҳои шоҳид аз ашъори Шамсиддин Шоҳин андеша иброз намудааст, ки таҳқиқоти ӯ дар ин ҷанба тозагии зиёд дорад. Дар таърихи забоншиносии тоҷик гурӯҳҳои луғавию маъноӣ бори аввал дар асоси забони ашъори Шамсиддин Шоҳин ва он ҳам бо мисолҳои бисёру қонеъкунанда анҷом ва таҳлилу тасниф шудааст. Аз диссертатсия иттилои комилро роҷеъ ба мақоми вожаҳои омиёна дар назми классикӣ метавон ба даст овард. Ҳамчунин, дар кор нахустин бор истилоҳоти марбут бар илмҳои забоншиносӣ ва мусиқӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Корбурди таркибҳои маҷозӣ, зарбулмасалу мақол дар забони шеър ва чигунагии маҳорати шоир дар такмили қисме аз онҳо ҳам аввалин таҳқиқ дар илми забоншиносӣ аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот иборат аз он аст, ки** натиҷаи таҳқиқ дар дарсҳои маърузавию амалии факултети филологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» истифода шудааст. Қисматҳое аз диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дар семинарҳои махсуси факултети филология арзёбӣ гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат аз он аст, ки ӯ** дар таҳқиқоти диссертатсионии худ бар коркарди пурраи мавзуи интихобкардааш муваффақ шуда, мундариҷа ва муҳтавои таҳқиқоти ӯ бо барномаҳои илмӣ робитаи мустақим дорад ва дар он мақсад, вазифа, давраи таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонӣ ифода мeёбад. Дар диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, предмет, объект ва навгонии таҳқиқ асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, арзишҳои назарию амалии диссертатсия ва нуктаҳои

асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда зикр шудаанд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмӣ ба чоп расидаанд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуи диссертатсия **«Вижагиҳои луғавию маънoии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин»** ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва мазмуну муҳтавои он ба меъёру тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 12 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 185 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара аз 18-уми апрели соли 2026 дар бораи сазовор донистани Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи **«Вижагиҳои луғавию маънoии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин»**, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 11 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, №34/шд), аз ҷумла 2 нафар доктори илм ва 3 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Саидҷаъфаров О.Ш.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Шаробова М.Қ.

**18.04.2026.**